**Тақриз**

**ба автореферати Сатторов Амирҳамза Баҳодурович дар мавзӯи "Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01 – Адабиёти тоҷик**

Мусаллам аст, ки забон ва адаби форсии тоҷикӣ пас аз забон ва адаби арабӣ дар Шарқу Ғарб тайи ҳазор сол чун дуюмин забони тамаддуни исломӣ воситаи баёни ҳақоиқ ва таълимоти дини мубини ислом ба шумор меравад. Яке аз мавзӯъҳои муҳиму мубрам таъсирпазирии суханварони бузурги порсигӯ аз Қуръони маҷид ва аҳодиси набавӣ мебошад. Бузургони адаби форсии тоҷикӣ аз Одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ то Аҳмади Дониш донандаи каломи Илоҳӣ ва ҳадисҳои набавӣ буданд ва таълимоти исломро дар асарҳои ҷовидонаи худ ба кор бурданд. Аз ҳамин ҷост, ки асари яке аз бузургтарин намояндаи адабиёти классики форсу тоҷик Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ – "Маснавии маънавӣ"-ро "Қуръон ба забони паҳлавӣ" номидаанд:

Маснавии маънавии Мавлавӣ,
Ҳаст Қуръон бо забони паҳлавӣ.

Ё:

Ман чӣ гӯям васфи он Олӣ ҷаноб,
Нест пайғамбар, вале дорад китоб.

Ҳамаи ин аз таъсири Қуръон ва ҳадис дар адабиёти форсу тоҷик ҳам аз назари мазмуну муҳтаво ва ҳам аз лиҳози балоғату фасоҳат шаҳодат медиҳанд. Яке аз чунин намояндагони машҳури адабиёт Камолуддин Абулатои Кирмонӣ машҳур ба Хоҷуи Кирмонӣ мебошад, ки на танҳо ба ҳайси суханвари бузург, балки донишманди варзидаи исломӣ низ шуҳрату эътибор дошт. Аз ҳамин ҷост, ки дар осори вай нукоти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ фаровон ба назар мерасад. Ин мавзӯи муҳимро пажӯҳишгари ҷавон Сатторов Амирҳамза Баҳодурович мавриди баррасӣ ва арзёбии илмӣ қарор додааст.

Пеш аз ҳама, қайд кардан ба маврид аст, ки муҳаққиқи мазкур азбаски мутахассис ва донандаи хуби забон ва адабиёти арабӣ ва форсӣ мебошад, таркибу ибора, ояту ҳадисҳои дар ашъори Хоҷу корфармударо хеле хуб шарҳу тавзеҳ дода, таҳқиқи ҳаматарафа намудааст.

Рисолаи кори илмии номбурда аз се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва китобнома иборат аст.

Боби аввали автореферад **«Таъсирпазирии Хоҷу аз оятҳои қуръонӣ»** унвон дошта, аз чор бахш иборат мебошад. Дар бахши аввал аспирант доир ба таъсири Қуръону ҳадис ва дигар талмеҳоти динӣ ба адабиёт, бахусус, шеъру шоирӣ баҳс намуда, таъсири оятҳои қуръониро бо далелҳо собит намудааст.

Боби дуюми автореферад, ки **«Истифодаи Хоҷуи Кирмонӣ аз ҳадисҳои набавӣ»** номгузорӣ шуда, аз ду фасл таркиб ёфтааст.

Дар фаслҳои аввал ва дуюми боби мазкур аспирант таъсири ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти шоирро ҳаматарафа мавриди таҳқиқ қарор дода, бо овардани далилҳо нишон додааст, ки то чи андоза Хоҷу дар истифода аз ҳадисҳои набавӣ дастболо будааст.

Боби сеюми автореферад **«Хусусиятҳои бадеӣ ва мушаххасоти ҳунари Хоҷу дар корбурди никоти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ»** ном дошта, аз ду фасл иборат мебошад. Фаслҳои он фарогири таҳқиқи масъалаҳои ҳунари шоирии Хоҷу, истифодаи оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ, таркибу ибора ва образҳои қуръонӣ, инчунин, мазмуну муҳтавони Қуръону ҳадис дар ғазалиёти шоир, қудрату тавоноии Хоҷу дар истифода аз калимаву таркибҳои оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ баррасӣ ва мушаххас гардида, хусусиятҳои бадеии онҳо муайян карда шудааст.

Дар баробари дастовардҳо, дар назари мо, фишурдаи рисолаи Сатторов Амирҳамза баъзе камбудҳо дорад, киислоҳи онҳо арзиши илмии фишурдаро баланд мебардорад:

1. Дар фишурдаи рисола баъзе аз истилоҳот дар шакли ҷамъбандии арабӣ оварда шудааст, ки дарки онро барои хонандаи оддӣ

мушкил гардонидааст.

2. Дар тарҷумаи фишурдаи рисола ба забони русӣ баъзе истилоҳоти динӣ шарҳ дода нашудааст. Хубтар мебуд, ки моҳияти ин истилоҳот тавзеҳ дода мешуд.

Новобаста ба ин камбудҳо, ки ислоҳшавандаанд, фишурдаи рисолаи номзадии Сатторов Амирҳамза Баҳодурович дар мавзӯи **«Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ»** як таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба авторефератҳои рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аст.

**Номзади илми филология,**
**дотсенти кафедраи забонҳои ДТТ**
**ба номи академик М.С. Осимӣ** **Ҳикматов Ҷ.Ҳ.**

**Имзои дотсент Ҳикматов Ҷ.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:**
**сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДТТ**
**ба номи академик М.С. Осимӣ** **Шарипова Д.А.**